# Саволу ҷавоб бо андозсупорандагон (2023)

1. **Савол:** Тартиби бақайдгирии “Ҳуҷраи шахсӣ” дар Системаи иттилоотии андоз?

**Ҷавоб:** Шаҳрванд ва ё андозсупоранда ба сомонаи Кумитаи андоз https://andoz.tj ворид шуда, дар қисмати “Хизматрасониҳо” саҳифаи “Ҳамаи хизматрасониҳои электронӣ”-ро интихоб менамояд.
Пас аз ворид шудан ба модули мазкур дар қисмати чапи саҳифа “Бақайдгирии истифодабарандаи нав”-ро интихоб намуда, ба он ворид мегардад.

Рақами мушаххаси андозсупорандаро дар сатри “РМА” ворид намуда, тугмачаи “Тафтиш”-ро пахш намуда дурустии маълумоти ҷойгиршударо аз назар мегузаронад.
Баъд аз аниқ намудани дурустии маълумоти ҷойдошта, сатри “Ному насаби истифодабаранда”-ро пур карда, дар сатри “Рақами шиноснома” маълумотҳоро дуруст ворид менамояд. Дар сатрҳои “Суроғаи зист”, “Телефон” ва “Почтаи электронӣ” рақами телефони мобилӣ ва суроғаи электронии худро ворид менамояд.

Баъд аз пур кардани ин сатрҳо, дар сатри “Иловаи акс”, акси худро, (селфи) бо аксҳои пеш ва пушти шиносномаро дар барнома ҷойгир менамояд. Пас аз ворид намудани ҳамаи маълумотҳои зарурӣ ба модулӣ мазкур тугмачаи “Бақайдгирӣ”-ро пахш менамоед. Баъд аз бақайд гирифтани худ дар “ Ҳуҷраи шахсии андозсупоранда” дар давоми рӯз ба телефони мобилии шаҳрванд ва ё андозсупоранда смс-паёмак омада, тавассути он мурочиаткунанда ба “Ҳуҷраи шахсии” худ ворид гардида, аз хизматрасониҳои дар он пешбинӣ шуда истифода намояд.

| | | |
|---|---|---|
| 2. | **Савол:** Оид ба тартиби бақайдгирии шахсони ҳуқуқи маълумот диҳед? | **Ҷавоб:** Мутобиқи талаботи моддаи 10 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ” бақайдгирии давлатии таъсисёбии шахси ҳуқуқиро мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ дар маҳалли ҷойгиршавии (суроғаи) шахси ҳуқуқӣ дар муддати 24 соат аз лаҳзаи пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳое, ки номгӯи онҳоро моддаи 11 Қонуни мазкур пешбинӣ намудааст, бо додани ҳуҷҷати тасдиқкунандаи бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқӣ дар худи ҳамин муддат амалӣ мегардонанд<br>Агар пас аз ба охир расидани 24 соат мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ қарорро дар бораи бақайдгирии давлатӣ ё рад кардани бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқӣ қабул накарда бошад ва ё ҳуҷҷати тасдиқкунандаи бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқиро надода бошанд, мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ ӯҳдадоранд фавран пас аз гузаштани мӯҳлати дар боло нишондодашуда ба Феҳристи ягонаи давлатӣ маълумотро дар бораи таъсисёбии шахси ҳуқуқӣ ворид созанд ва ба аризадиҳанда дар бораи бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқӣ Шаҳодатнома диҳанд ё онро ба суроғаи дар ариза нишондодашуда фиристанд Ҳуҷҷатҳоро барои бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқӣ муассисони шахси ҳуқуқӣ ё шахсони ваколатдори онҳо пешниҳод карда метавонанд.<br>Шахсони ваколатдор инҳо буда метавонанд:<br>1) роҳбари мақомоти иҷроияи шахси ҳуқуқӣ, ки ваколатҳои ӯро қарори муассисон дар бораи таъйин намудани ӯ тасдиқ мекунад;<br>2) шахси дигаре, ки аз номи муассисони шахси ҳуқуқӣ дар асоси ваколатнома баромад мекунад. |
| 3. | **Савол:** Оиди санади муқоисавии ҳсоббаробаркун бо мақомоти андоз маълумот диҳед? | **Ҷавоб:** Яке аз уҳдадориҳои андозсупоранда, ин дар муҳлатҳои муқарраршуда бо мақомоти андоз дар шакли хаттӣ ва ё электронӣ тартиб додани санади муқоисавӣ ба шумор меравад.<br>Санади муқоисавӣ ҳуҷҷати дуҷонибае мебошад, ки байни мақомоти андоз ва субъекти хоҷагидор тибқи талаботи Кодекси андоз ва дархост бо тартиби муқарраршуда мутобиқи маълумоти мақомоти андоз ва |

| | | |
|---|---|---|
| | | андозсупоранда (намояндаи андоз) бо мақсади муайян намудани дурустии маблағҳои ҳисобшуда, (ба ҳисобгирифташуда, камкардашуда) пардохтшудаи (баргардонидашуда) андозҳо, фоиз, ҷарима ва бақияи андозҳо дар рузи муайян тартиб дода мешавад. |
| 4. | **Савол:** Оиди тартиби баҳисобгирӣ ва баргардонидани маблағҳои барзиёд пардохтшуда маълумот диҳед? | **Ҷавоб:** Мутобиқи талаботи моддаҳои 116 - 118 Кодекси андоз тартиби ба ҳисоб гирифтан ва ё баргардонидани маблағи андозҳои барзиёд пардохтшуда ва ситонидашуда муқаррар карда шудааст. Аз ҷумла, дар қисмҳои 3 ва 4 моддаи мазкур пешбинӣ гардидааст, ки пӯшонидани уҳдадориҳои андозӣ аз ҳисоби маблағҳои андози барзиёд пардохтшуда ё ситонидашуда бо пайдарҳамии зерин амалӣ карда мешавад:<br>-барои пардохти қарздорӣ аз рӯи фоизҳои андози барзиёд пардохтшуда ё ситонидашуда (ҳангоми ҷой доштани чунин ҳолат);<br>- барои пардохти қарздорӣ аз намудҳои дигари андоз ва фоизи онҳо ба буҷетҳои дахлдор;<br>- ҷиҳати пардохти ҷаримаҳо барои ҳуқуқвайронкуниҳои андоз ба буҷетҳои дахлдор.<br>Инчунин, мутобиқи талаботи қисми 6 моддаи 116 Кодекси андоз саҳеҳияти маблағҳои барзиёд пардохтшуда ё ситонидашудаи андоз бо тартиб додани санади муқоисавӣ байни мақомоти андоз ва андозсупоранда бо тартиби муқаррарнамудаи Кодекси андоз муайян карда мешавад. |
| 5. | **Савол:** Вобаста ба тартиби пешниҳоди эъломияи ААИ маълумот диҳед? | **Ҷавоб:** Тибқи муқаррароти моддаи 272 Кодекси андоз андозсупоранда, ба истиснои қисми 2 ҳамин модда, уҳдадор аст барои ҳар як давраи ҳисоботӣ на дертар аз рӯзи 15-уми моҳи баъд аз давраи ҳисоботӣ ба мақомоти андоз эъломия дар бораи андоз аз арзиши иловашударо пешниҳод намуда, пардохти андозро ба буҷет анҷом диҳад.<br>Шахсони хориҷие, ки ба шахсони воқеӣ хизматрасонии фосилавиро анҷом медиҳанд, уҳдадоранд эъломияи андоз, ҳуҷҷатҳо (иттилоот) ва маълумоти дигарро на дертар аз санаи 20-уми моҳе, ки баъд аз давраи ҳисоботӣ фаро мерасад, пешниҳод намоянд. |

Пешниҳоди эъломияи андоз аз арзиши иловашуда тариқи электронӣ ба роҳ монда шудааст, ки аз ҷониби андозсупорандагон бо истифода аз ҳуҷраи шахсӣ эъломияи андози мазкур таҳия ва пешниҳод карда мешавад.

6. **Савол:** Оид ба тартиби пешниҳоди эъломияи ягонаи андоз аз даромад ва андози ичтимоӣ маълумот диҳед?

**Ҷавоб:** Тибқи талаботи қисми 1 моддаи 241 Кодекси андоз эъломияи ягона оид ба андоз аз даромад ва андози иҷтимоӣ аз даромадҳои дар шакли музди меҳнати шахсони воқеӣ, ки андоз аз онҳо дар манбаи пардохт ситонида мешавад, аз ҷумла аз ҷониби воҳиди алоҳидаи шахсони ҳуқуқӣ, то санаи 15-уми моҳе пешниҳод карда мешавад, ки баъди моҳи ҳисоботӣ фаро мерасад.

Эъломияи ягона оид ба андоз аз даромад ва андози иҷтимоӣ тавассути ҳуҷраи шахсӣ аз ҷониби андозсупорандагон то санаи 15-уми моҳе, ки баъди моҳи ҳисоботӣ фаро мерасад, тариқи электронӣ пешниҳод карда мешавад.

7. **Савол:** Оиди меъёрҳои андози амволи ғайриманқул маълумот диҳед?

**Ҷавоб:** Мутобиқи моддаи 348 Кодекси андоз меъёри андоз аз объектҳои ғайриманқул, вобаста ба масоҳати ишғолнамудаи объектҳои ғайриманқул ва мақсади истифодабарии онҳо бо фоиз аз нишондиҳанда барои ҳисобҳо бо назардошти коэффитсиенти минтақавӣ дар миқёси шаҳру ноҳияҳо, ба андозаҳои зерин муқаррар карда мешавад:
1) барои объектҳои ғайриманқуле, ки ҳамчун биноҳои (ҳуҷраҳои) истиқоматӣ, инчунин биноҳои ёрирасони онҳо истифода мешаванд:
- то 90 метри мураббаъ - 3 фоиз;
- аз 90 то 200 метри мураббаъ - 4 фоиз;
- зиёда аз 200 метри мураббаъ - 6 фоиз;
2) барои объектҳои ғайриманқуле, ки барои амалӣ намудани фаъолияти савдо, ташкили нуқтаҳои хӯроки умумӣ, намудҳои дигари хизматрасонӣ ва иҷрои корҳо истифода мешаванд:
- то 250 метри мураббаъ - 12 фоиз;
- аз 250 то 500 метри мураббаъ - 15 фоиз;
- зиёда аз 500 метри мураббаъ - 18 фоиз;
3) барои объектҳои ғайриманқуле, ки барои амалӣ намудани намудҳои

дигари фаъолият истифода мешаванд:
- то 200 метри мураббаъ - 9 фоиз;
- аз 200 то 500 метри мураббаъ - 12 фоиз;
- зиёда аз 500 метри мураббаъ - 15 фоиз;
4) барои объектҳои ғайриманқуле, ки дар шаҳрҳои Душанбе, Хуҷанд, Бохтар ва Кӯлоб ҷойгир мебошанд, меъёрҳои дар бандҳои 2) ва 3) муайяншуда ба андозаи дукарата истифода карда мешавад.

8. **Савол:** Доир ба имтёзҳои Патент ва Шаҳодатнома бо шартҳои махсус маълумот диҳед?

**Ҷавоб:** Тибқи талаботи бандҳои 21 ва 22 Қоидаҳои андозбандии соҳибкорони тибқи патент ва шаҳодатнома фаъолияткунанда, ки бо қарори ҲҶТ аз 31.03.2022, №151 тасдиқ гардидааст, бо пешниҳоди дархости электронӣ ва замимаи іуїїатіои тасдиsкунанда маблағҳои патент ва шаҳодатнома бо шартҳои махсус дар давраҳои мазкур пардохт карда намешаванд:

- іангоми беморӣи бистарњ;
- дар давраи рухсатии іомиладорњ ва таваллуд;
- дар давраи дар хизмати іарбњ sарор доштан;
- рух додани сӯхтор ва офатіои табињ дар маіалли фаъолият;
- бо санади судњ дар їойіои маірум сохтан аз озодњ ва (ё) дар изолятор (тавsифгоі)-и тафтишотњ sарор доштан;
- дар муіоїирати меінатњ будан;
- їорњ гардидани карантин дар маіалли фаъолият.

Инчунин, аз лаізаи вафоти соіибкори инфиродњ, эътибори sонунњ пайдо кардани санади судњ оид ба бедарак љоибшуда ё фавтида эътироф гардидани соіибкори инфиродњ (дар сурати набудани вориси іуѕуѕњ), маірум намудан аз іуѕуѕи машљул шудан бо фаъолияти соіибкорњ андозіо пардохт карда намешаванд.

9. **Савол:** Оиди тартиби ҳисоб намудани андози ягонаи кишоварзӣ барои хоҷагиҳои деҳқонӣ маълумот

**Ҷавоб:** Маблағи андози ягонаи кишоварзӣ аз натиҷаҳои фаъолияти андозсупоранда вобастагӣ надошта, дар шакли пардохти устувор аз рӯи кадастр барои ҳар гектар замин ба ҳисоби як сол муқаррар карда

| | | |
|---|---|---|
| | диҳед? | мешавад. Меъёрҳои солонаи андози ягонаи кишоварзӣ ҳар 5 сол аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешаванд. Ҳисоби маблағи андози ягонаи кишоварзӣ, ки бояд барои соли ҳисоботӣ пардохт карда шавад, аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ то 1-уми феврали соли ҳисоботӣ тавассути низоми барномаҳои иттилоотии мақомоти андоз ташаккул дода шуда, огоҳинома дар ин хусус ба ҳуҷраи шахсӣ, телефони мобилӣ, суроғаи электронӣ ё ба суроғаи ҳуқуқии андозсупоранда ирсол мегардад. |
| 10. | **Савол:** Оид ба тартиби ҳисоб намудани андоз аз музди меҳнати кормандони кирояи хоҷагиҳои деҳқонӣ маълумот диҳед? | **Ҷавоб:** Ҳангоми аз ҷониби хоҷагаии деҳқонӣ ба ғайр аз саҳмдорони хоҷагии деҳқонӣ истифодаи корманди кироя барои ҷамъоварии ҳосил ва корҳои агротехникӣ банди 5 моддаи 382 Кодекси андоз ва Дастурамал дар бораи муайян намудани меъёрҳои истифодабарии техника ва қувваи корӣ (аз ҷумла корҳои дастӣ) барои як гектар замин барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ аз ҷониби Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мувофиқа бо Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шудааст, ҳисоб ва пардохт карда мешавад. |
| 11. | **Савол:** Оид ба тартиби гузаронидани муоинаи хронометражӣ ва муҳлати гузаронидани он маълумот диҳед? | **Ҷавоб:** Тибқи талаботи моддаи 43 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон муоинаи хронометражӣ – шакли назорати андозӣ буда, бо мақсади муайян намудани даромад ва хароҷоти воқеии андозсупоранда гузаронида мешавад. Дар асоси талаботи қисми 2 моддаи мазкур муоинаи хронометражӣ на зиёда аз як маротиба дар як сол бо давомнокии то 3 рӯзи корӣ гузаронида мешавад. |
| 12. | **Савол:** Оид ба тартиби гузаронидани назорати камералӣ ва муҳлатҳои гузаронидани он маълумот диҳед? | **Ҷавоб:** Тибқи муқаррароти моддаи 42 Кодекси андоз назорати камералӣ қисми таркибии низоми идоракунии хавфҳои андоз буда, бо мақсади пешгирии қонунвайронкуниҳои андоз гузаронида шуда, чунин шакли назорат санҷиши андоз ба ҳисоб намеравад ва бо пешниҳоди огоҳинома оиди ҳолатҳои эҳтимолии пинҳонкунии андозҳо, ба |

андозсупоранда имконият дода мешавад, ки номутобиқатиҳои дар ҳисоботи андоз ҷойдоштаро мустақилона, то гузаронидани санҷиши сайёри андоз ислоҳ намояд.

Тибқи муқаррароти моддаи 42 Кодекси андоз муҳлати гузаронидани назорати камералӣ дар 6 моҳ як маротиба муайян гардида, барои давраҳои тахти санҷишҳои сайёри андоз қарор дода шуда ва ё такроран мавриди назорати камералӣ қарор додани як давра ё як мавзӯъ, манъ карда шудааст.

Зимни гузаронидани назорати камералӣ, даъвати андозсупоранда (ё шахсони масъули андозсупоранда), ба истисноии ҳолатҳои ихтиёран ба мақомоти андоз ҳозир шудани он манъ аст.

13. **Савол:** Оид ба тадбиқи ҷаримаҳои маъмури ҳангоми пешниҳод накардани расиди ДНХ маълумод диҳед?

**Ҷавоб:** Тибқи муқарррароти қисмҳои 1 ва 2 моддаи 615 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ барои риоя накардани тартиби истифодаи мошинаҳои назоратию хазинавии дорои хотираи фискалӣ ва баҳисобгирии хазина ҷарима таъин карда мешавад.

1. Барои риоя накардани тартиби истифодаи мошинаҳои назоратию хазинавии дорои хотираи фискалӣ ва баҳисобгирии хазина (баҳисобгирии пули нақд), ҳамчунин анҷом додани ҳисоббаробаркуниҳои пулӣ бо истеъмолкунандагон ҳангоми фурӯши мол ё хизматрасониҳо тавассути пули нақд бе додани пардохтнома (квитансия), чипта, талон, тамғаҳои маблағсупории почта ё дигар ҳуҷҷатҳои ба чекҳо баробаркардашудаи ҳисоботдиҳии қатъӣ,
ба шахсони мансабдор ба андозаи аз ҳаштод то сад, ба соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси шаҳодатнома фаъолият менамоянд ва шахсони ҳуқуқӣ аз як саду ҳаштод то дусад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъин карда мешавад

2. Барои дар давоми як соли баъди таъини ҷазои маъмурӣ такроран содир намудани кирдори пешбиникардаи қисми якуми ҳамин модда,,
ба шахсони мансабдор ба андозаи аз як саду ҳаштод то дусад, ба соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси шаҳодатнома фаъолият менамоянд ва шахсони ҳуқуқӣ аз дусаду панҷоҳ то сесад нишондиҳанда

| | | |
|---|---|---|
| | | барои ҳисобҳо ҷарима таъин карда мешавад. |
| 14. | **Савол:** Оид ба тадбиқи ҷаримаҳои маъмури ҳангоми сари вақт пешниҳод накардани эъломияҳои андозӣ маълумот диҳед? | **Ҷавоб:** Барои риоя накардани мӯҳлати муқарраршудаи пешниҳоди эъломияҳои андоз, ҳисоботи андоз ҷаримаи маъмурӣ дар асоси қосмҳои 1, 2 ва 3 моддаи 601 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ таъин карда мешавад.<br>1. Барои риоя накардани мӯҳлати муқарраршудаи пешниҳоди эъломияҳои андоз, ҳисоботи андоз ва (ё) дигар намудҳои ҳисоботи марбут ба андоз, яъне ба таъхир гузоштан дар муддати то 10 рӯзи корӣ,<br>ба шахсони воқеӣ ба андозаи аз як то се, ба шахсони мансабдор аз панҷ то ҳафт, ба соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси шаҳодатнома фаъолият менамоянд ва шахсони ҳуқуқӣ аз бисту панҷ то сӣ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъин карда мешавад<br>2. Барои содир намудани кирдори пешбининамудаи қисми якуми ҳамин модда дар муддати аз 10 то 30 рӯзи корӣ,<br>ба шахсони воқеӣ ба андозаи аз се то панҷ, ба шахсони мансабдор аз ҳафт то даҳ, ба соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси шаҳодатнома фаъолият менамоянд ва шахсони ҳуқуқӣ аз чилу панҷ то панҷоҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъин карда мешавад<br>3. Барои содир намудани кирдори пешбининамудаи қисми якуми ҳамин модда дар муддати зиёда аз 30 рӯзи корӣ,<br>ба шахсони воқеӣ ба андозаи аз панҷ то даҳ, ба шахсони мансабдор аз даҳ то сӣ, ба соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси шаҳодатнома фаъолият менамоянд ва шахсони ҳуқуқӣ аз навад то сад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъин карда мешавад. |